# РАВЗАНАИ БОНКИИ ИСЛОМИИ ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ “ИМОН”

**Ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи аудиторони мустақил,**

барои соли молиявие, ки дар санаи 31 декабри соли 2022 ба анҷом расидааст.

## Мундариҷа

**Рақами саҳифа**

Таъкиди роҳбарият дар бораи масъулияти таҳия ва тасдиқи Ҳисоботи Молиявӣ ........ 2

Ҳисоботи Аудиторони Мустақил ........ 3

Ҳисобот дар бораи Фоида ё Зарар ва Даромади Дигари Муштарак ........ 7

Ҳисобот дар бораи Вазъи Молиявӣ ........ 8

Ҳисобот дар бораи Тағйирот дар Сармояи Худӣ ........ 9

Ҳисобот дар бораи Гардиши Воситаҳои Пулӣ ........ 10

Эзоҳот ба Ҳисоботи Молиявӣ ........ 11

## ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 ХОТИМА ЁФТААСТ

Таъкиди зерин бояд бо зикри ӯҳдадориҳои аудиторҳо чун ҳудудгузорӣ ё фарқияти байни масъулияти аудиторҳо ва роҳбарият дар бобати ҳисоботи молиявии Равзанаи бонки исломии Фонди қарзии хурди "Имон" (*минбаъд дар матн чун Равзана зикр мешавад*) ҳисобида шавад.

Роҳбарияти *Равзана* барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки эътимоднокии тамоми манбаъҳои вазъияти молиявӣ, натиҷаи фаъолият, гардиши маблағ ва тағйирот дар сармояи *Равзана* тайи соли хотимаёфтаи 31 декабри соли 2022-ро мутобиқи стандартҳои баҳисобгирии молиявӣ ("FAS"), ки аз ҷониби Ташкилоти баҳисобгирӣ ва аудити ташкилотҳои молиявии исломӣ ("AAOIFI") баровარда шудаанд, қоидаҳо ва принсипҳои шариати исломӣ, ки Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии *Равзана* муайян кардааст инъикос менамояд, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулияти амалҳои зеринро бар ӯҳда доранд:

- Интихоби усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибавӣ ва истифодаи мунтазами онҳо;
- Доварӣ ва тахминҳои оқилона;
- Риоя кардани талаботи стандартҳои AAOIFI ва шарҳ додани тамоми ҳолатҳои берунравӣ аз меъёрҳои ин стандартҳо дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;
- Таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти ин эҳтимолият, ки *Равзана* дар оянда фаъолияти худро идома хоҳад дод, ба истисноӣ мавридҳое, ки чунин эҳтимол ғайриқонунӣ бошад.

Роҳбарият ҳамчунон барои амалҳои зерин масъул аст:

- Тарҳрезӣ, амалисозӣ ва таъмини фаъолияти самарабахш ва боэътимоди низоми назорати дохилии *Равзана*;
- Пешбурди баҳисобгирӣ, ки имконият медиҳад дар ҳар лаҳза ба таври дақиқ маълумот дар бораи вазъияти молиявии *Равзана* омода шавад ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ бо талаботҳои стандартҳои AAOIFI таъмин карда шавад;
- Барои масъалаҳои асосии баҳисобгирӣ, ки ягон стандарти AAOIFI вуҷуд надорад, барои роҳнамоӣ аз Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ ("IFRS"), ки Шӯрои Стандартҳои Байналмилалии Баҳисобгирии Молиявӣ ("IASB") баровардааст, роҳнамоӣ кунад, ба шарте ки онҳо бо қоидаҳо ва принсипҳои Шариат мухолиф набошанд, чунон ки аз ҷониби Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии *Равзана* муайян карда шудааст;
- Дар чорчӯбаи салоҳияти худ андешидани чораҳо барои ҳифзи дороиҳои *Равзана*;
- Ошкор ва ҷилавгирӣ намудани ҳодисаҳои қаллобӣ, иштибоҳ ва дигар сӯиистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли дар санаи 31 декабри соли 2022 анҷомёфта 3 апрели соли 2023 тасдиқ гардидааст.

**Аз номи роҳбарият:**

[signature] [stamp: Равзанаи бонкии исломӣ]

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

[signature]

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

RSM

RSM Tajikistan LLC
Business centre "SOZIDANIE"
Ayni street 48, 4th floor
Dushanbe
734024
Republic of Tajikistan
T +992 (44) 6006370
www.rsm.tj

ООО "РСМ ТОЧИКИСТОН"
Исх. № 11/1/23
«03» апреля 2023г.

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

Ба Шӯрои Парасторон ва Роҳбарияти Равзанаи бонкии исломии Фонди Қарзии Хурди "Имон":

***Хулоса***

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Равзанаи бонкии исломии Фонди Қарзии Хурди "Имон"-ро (минбаъд дар матн - *Равзана*), ки ҳисобот оиди вазъияти молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2022, ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак, ҳисобот оиди тағирот дар ҳайати сармояи худӣ, ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ барои соли хотимаёфта, инчунин тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ, ва шарҳи мухтасари қисмҳои асосии сиёсати ҳисобдориро дарбар мегирад, баргузор намудем.

Ба хулосаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодгашта ҳолати молиявии *Равзанаро* дар ҳама равандҳои назаррас ба санаи 31 декабри соли 2022, инчунин натиҷаҳои молиявӣ ва гардиши воситаҳои пулии онро дар соли хотимаёфта дар мувофиқат бо стандартҳои баҳисобгирии молиявӣ, ки аз тарафи Ташкилот оиди муҳосибот ва аудит барои ташкилотҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) бароварда шудаанд, инъикос менамояд.

***Асос барои хулоса***

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ ("СБА") гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши "Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботи молиявӣ"- ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмиллалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст ("Кодекси ШСБАМ"), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Равзана мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие,ки мо дастрас намудем барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.



RSM Tajikistan is a member of the RSM network and trades as RSM. RSM is the trading name used by the members of the RSM network. Each member of the RSM network is an independent accounting and consulting firm each of which practises in its own right. The RSM network is not itself a separate legal entity of any description in any jurisdiction.

***Маълумоти дигар***
Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри 2021 анҷом ёфт, аз ҷониби дигар аудитор санҷида шуда буд, ки оид ба ин ҳисобот аз 28 марти соли 2022 хулоса бо эзоҳ изҳор кардааст бо сабаби он, ки Равзана намунаи ҳисоб ва эътирофи зарари қарзии пешбинишудаи қарзҳои дебитории маблағгузории исломиро мутобиқи "СБМ 30 камшавӣ, зарари қарзӣ ва ӯҳдадориҳои вазнин" татбиқ накардааст. Дар доираи санҷиши ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри 2022 анҷом ёфт, муайян гардид, ки дар ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфт, Равзана зарари қарзии дебитории маблағгузории исломиро мутобиқи дастурамали дохилӣ дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бароварда шудааст, эътироф кардааст. Дар асоси ин далелҳо хулосаи мо тағйир дода шуд.

***Масъулияти роҳбарият барои ҳисоботи молиявӣ***
Ҳисоботи молиявии мазкур ва ӯҳдадории *Равзана* оиди фаъолият намудан мутобиқи қоидаҳо ва принсипҳои Шариати исломӣ, масъулияти роҳбарияти *Равзана* ва шахсони масъул ба идоракунӣ ба шумор меравад.

Роҳбарият барои омодасозӣ ва пешниҳоди эътимодноки ҳисоботи молиявӣ дар мутобиқат бо стандартҳои баҳисобгирии молиявии аз тарафи AAOIFI баровардашуда ва барои чунин низоми назорати дохилӣ, ки роҳбарият барои омода сохтани ҳисоботи молиявии дар натиҷаи амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо таъриф нагашта зарур мешуморад, масъулият бар дӯш дорад.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ, роҳбарият масъулиятро барои баҳодиҳии қобилияти *Равзана* барои бефосила идома додани фаъолияти худ, барои дар ҳолатҳои муайян ифшо сохтани маълумотҳои ба бефосилагии фаъолият алоқаманд буда, ва омода сохтани ҳисобот бо такя ба тавсифи бефосилагии фаъолият, ба истисноии ҳолатҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдиҳии *Равзана*, қатъ намудани фаъолияти он, ё дар вақти алтернативаи воқеӣ ба чунин амалҳо надоштани он, бар дӯш дорад.

Шахсоне, ки идоракунӣ ба зимаи онҳо вогузошта шудааст, ба назорати раванди ҳисоботи молиявии *Равзана* масъул мебошанд.

***Масъулияти аудитор вобаста ба аудити ҳисоботи молиявӣ***
Мақсади мо гирифтани итминони оқилона оиди он ки, ҳисоботи молиявӣ ба таври умумӣ дорои таҳрифҳои назаррас, ки дар натиҷаи амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо сар задаанд, ва дар омодасозии хулосаи аудиторӣ, ки хулосаи моро дарбар мегирад, намебошад. Итминони оқилона, сатҳи баланди итминонро дарбар мегирад. Вале он кафолатро оиди он ки аудити мувофиқи СБА баргузор гашта, ҳамеша дар сурати ҷой доштани таҳрифҳои назаррас, онҳоро ошкор менамояд, дода наметавонад. Таҳрифҳо метавонанд, ки натиҷаи амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо ба миён оянд, ва назаррас ҳисобида мешаванд, агар ба таври асоснок пешбинӣ кардан мумкин бошад, ки онҳо ба таври алоҳида ва ё дар якҷоягӣ метавонанд, ба қабули қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки бо такя ба ин Ҳисоботи Молиявӣ қабул карда мешаванд, таъсир мерасонад.

Дар доираи аудити дар мувофиқат бо СБА баргузоршаванда, мо муҳокимаи касбиро истифода намуда ва нобоварии касбиро дар тамоми давраи аудит нигоҳ медорем. Ғайр аз ин мо корҳои зеринро анҷом медиҳем:

- Хавфҳои дар натиҷаи амалҳои қаллобӣ ва хатогиҳо сарзадаро ошкор ва баҳогузорӣ менамоем; барои ҳалли ин хавфҳо расмиёти аудиториро коркард ва баргузор менамоем; ва далелҳои аудиториро, ки барои истифода намудани онҳо ҳамчун асос барои баён намудани хулосаи мо назаррас ва қобили қабул мебошанд, мегирем. Хавфи ошкор

нагардидани таҳрифи назарраси дар натиҷаи амалҳои қаллобӣ ба вуҷуд омада, аз хавфи ошкор гаштани таҳрифи дар натиҷаи хатогиҳо ба вуҷуд омада баландтар аст, чунки амалҳои қаллобӣ метавонад, ки созиши пешакӣ, сохтакорӣ, ҳамроҳнанамоии барқасдона, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ё берун аз низоми назорати дохилӣ амал намуданро дарбар гирифта бошад.

- Дарк намудани низоми назорати дохилӣ, бо мақсади коркарди расмиётҳои аудитории ба ҳолатҳо мувофиқбуда, ки барои аудит аҳамиятнок аст, вале на барои мақсади баён намудани нуқтаи назар оиди самаранокии низоми назорати дохилии *Равзана*.
- Қобили қабул будани сиёсати ҳисобдории истифодашаванда ва асоснокии пешбиниҳои муҳосиботӣ ва ифшосозиҳои дахлдори аз тарафи роҳбарият анҷом додашударо баҳогузорӣ менамоем.
- Оиди қобили қабул будани аз ҷониби роҳбарият истифода гаштани пешбинӣ оиди бефосила будани фаъолиятро хулосабарорӣ менамоем, ва, дар асоси далелҳои аудитории дарёфтгардида, оиди он ки номуайянии назаррас дар алоқамандӣ бо руйдодҳо ва шароитҳое, ки метавонанд, номуайянии назаррасро дар қобилияти *Равзана* барои бефосила идома додани фаъолияти худ ба миён оранд, хулоса мебарорем. Агар мо ба хулоса оем, ки номуайянии назаррас ҷой дорад, пас мо бояд дар хулосаи аудиториамон диққатро ба ифшои муносиби маълумотҳо дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем, ё агар чунин ифшосозии маълумот қобили қабул набошад, хулосаи хешро тағир диҳем. Хулосаи мо, ба далелҳои аудиторие асос ёфтаанд, ки то санаи ҳисоботи аудитории мо дастрас карда шудаанд. Аммо руйдодҳо ва шароитҳои оянда, метавонанд, ба аз ҷониби *Равзана* аз даст додани қобилият барои бефосила идома додани фаъолият таъсир расонанд.
- Баҳодиҳии пешниҳод гаштани ҳисоботи молиявӣ, сохторҳо ва муҳтавои он, аз ҷумла ифшосозиҳои маълумотро ба таври умум мегузаронем, яъне оё ҳисоботи молиявӣ дурустии амалиётҳо ва руйдодҳои ба он асосёфтаро тавре пешниҳод менамояд, ки пешниҳоди боэътимоди онҳоро таъмин намояд.
- Далелҳои кофӣ ва қобили қабул оиди маълумоти молиявии воҳидҳо ва фаъолияти хоҷагидориро дар доираи *Равзана*, барои баён намудани хулоса оиди ҳисоботдиҳии молиявӣ дарёфт менамоем. Мо барои роҳбарии умумӣ, назорат ва баргузорнамоии аудити *Равзана* ҷавобгар ҳастем. Мо барои хулосаи аудиториамон шахсан ҷавобгар ҳастем.

Мо бо роҳбарият мукотиба намуда, ба самъи у, ғайр аз маълумотҳои дигар, оид ба ҳаҷм ва мӯҳлати аудит, ҳамчунин маълумотро оиди мушоҳидаҳои назаррас, вобаста ба натиҷаҳои аудит, ҳамчунин оиди камбудиҳои назаррас дар низоми назорати дохилӣ, агар онҳо дар рафти аудит ошкор карда шаванд, маълумот пешниҳод менамоем.

Мо ҳамчунин ба роҳбарият аризаро оиди аз ҷониби мо риоя гаштани ҳамаи талаботҳои ахлоқии дахлдор дар муносибат бо мустақилиятро пешниҳод намуда, ва ба ӯ оиди ҳамаи муносибатҳои тарафайн ва дигар масъалаҳое, ки асос барои расонидани таъсир ба мустақилияти аудитор шумурдан мумкин аст, ва дар ҳолатҳои зарурӣ оиди чораҳои дахлдори эҳтиётӣ иттилоъ медиҳем.

Роҳбари аудит, ки аз руи натиҷаҳои он хулосаи аудитории аудитори мустақил таҳия карда шудааст, Мафтунҷон Баратов мебошад.

| | |
|---|---|
| Баҳрулло Муллоев | Мафтунҷон Баратов |
| Роҳбари Идоракунанда – ҶДММ "РСМ Тоҷикистон" | Шарики Аудит |
| Шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон<br>БМТ № 0000134 аз 29.12.2020 | Шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон<br>БМТ № 0000057 аз 30.12.2015 |

3 апрели 2023 сол

Душанбе, Тоҷикистон

# ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

(дар сомонӣ)

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромад аз маблағгузории исломӣ | 4 | 1,289,546 | 271,080 |
| ***Даромади соф аз маблағгузории исломӣ*** | | ***1,289,546*** | ***271,080*** |
| Ташаккули захира барои талафотҳои эҳтимолии қарзии дигар дороиҳо | 5 | 14,512 | (123,163) |
| Даромад/харочоти соф аз ҳисоби амалиёт дар асъори хориҷӣ | 6 | (327,202) | (14,978) |
| Дигар даромадҳо | | 134 | - |
| ***Даромади софи амалиётӣ*** | | ***(312,556)*** | ***(138,141)*** |
| Харочотҳои амалиётӣ | 7 | (866,671) | (758,480) |
| ***Фоида то андоз*** | | ***110,319*** | ***(625,541)*** |
| Харочоти андоз аз фоида | 8 | (20,200) | - |
| ***Фоидаи соф*** | | ***90,119*** | ***(625,541)*** |
| Маҷмӯи даромади ғайр | | - | - |
| **Ҳамаги маҷмӯи фоида/зарар** | | **90,119** | **(625,541)** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳоти дар саҳ. 11-33 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудитории мустақил дар саҳифаҳои 3-6 оварда шудааст.

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022
(дар сомонӣ)

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 9 | 7,636,456 | 10,283,377 |
| Қарздории дебиторӣ маблағгузории исломӣ | 10 | 11,555,894 | 3,942,327 |
| Даромади ҳисобшуда барои гирифтан | 11 | 32,356 | - |
| Воситаҳои асосӣ | 12 | 58,637 | 61,946 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 13 | 176,566 | - |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **19,459,909** | **14,287,650** |
| **САРМОЯ ВА ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 14 | 109,165 | 27,026 |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО** | | **109,165** | **27,026** |
| **Сармоя** | | | |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | 15 | 20,066,169 | 15,063,157 |
| Зарари ҷамъшуда | | (715,425) | (802,533) |
| ***Ҳамагӣ сармоя*** | | ***19,350,744*** | ***14,260,625*** |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ ВА ӮҲДАДОРИҲО** | | **19,459,909** | **14,287,650** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳоти дар саҳ. 11-33 қисми ҷудонашавандаи ҳисобoти молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-6 оварда шудааст.

# ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯИ ХУДӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

(дар сомонӣ)

| | Маблағгузорӣ аз Саридора | Зарари ҷамъшуда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| **Бақия ба 1 январи соли 2021** | **4,000,000** | **(176,992)** | **3,823,008** |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | 11,063,157 | - | 11,063,157 |
| Зарари софи соли 2021 | - | (625,541) | (625,541) |
| **Бақия ба 31 декабри соли 2021** | **15,063,157** | **(802,533)** | **14,260,625** |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | 5,003,012 | | 5,003,012 |
| Тасҳеҳ ба воситаи зарари ҷамъшуда | - | (3,011) | (3,011) |
| Фоидаи софи соли 2022 | - | 90,119 | 90,119 |
| **Бақия ба 31 декабри соли 2022** | **20,066,169** | **(715,425)** | **19,350,744** |

**Аз номи роҳбарият:**

Боймирзо Боймирзоев
Директор

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Далер Давлатов
Сармуҳосиб

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳҳо дар саҳ. 11-33 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-6 оварда шудааст.

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

(дар сомонӣ)

| | Эзоҳ | Барои соли 2022 | Барои соли 2021 |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | | |
| **Фоида/зарар то андоз** | | **110,319** | (625,541) |
| Тасҳеҳот: | | | |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафоти эҳтимолии дороиҳо | | (14,512) | 123,163 |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | | 14,998 | 9,515 |
| Воридоти воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ аз Саридора | | (182,655) | (63,072) |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди рухсатии истифоданашуда | | 3,812 | 3,223 |
| Даромади ғайривоқеӣ аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | | 154,701 | 17,944 |
| Даромад аз рӯи фаъолияти маблағгузории молиявӣ | | (1,289,546) | (271,080) |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ** | | **(1,202,883)** | **(805,848)** |
| Тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ: | | | |
| (Афзоиш)/камшавӣ дар маблағгузории исломӣ | | (7,585,780) | (3,765,526) |
| (Афзоиш)/камшавӣ дар дигар дороиҳо | | (32,356) | 26,938 |
| (Афзоиш)/камшавӣ дар дигар ӯҳдадориҳо | | 36,242 | 9,130 |
| **Тағйироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ ва маблағгузорӣ** | | **(8,784,778)** | **(4,535,306)** |
| Даромад аз рӯи фаъолияти маблағгузории молиявӣ | | 1,289,546 | 298,680 |
| **Тағйироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | **(7,495,232)** | **(4,236,626)** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | | - | (6,079) |
| **Тағйироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | **-** | **(6,079)** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | | 5,003,012 | 11,063,157 |
| **Тағйироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | **5,003,012** | **11,063,157** |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | | **(2,492,220)** | **6,820,452** |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ | | (154,701) | (17,944) |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | 9 | **10,283,377** | **3,480,869** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | 9 | **7,636,456** | **10,283,377** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

3 апрели 2023 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Равзанаи бонкии исломӣ

Эзоҳоти дар саҳ. 11-33 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-6 оварда шудааст.

## 1. ИТТИЛООТИ УМУМӢ

**Ташкилот ва амалиётҳо**

Фонди қарзии хурди "ИМОН" (минбаъд "Ширкат") ширкати ғайритиҷоратии молиявии хурд буда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1999 фаъолият карда истодааст. Фаъолияти Фонди қарзии хурд аз тарафи Бонки Миллии Тоҷикистон (минбаъд "БМТ") танзим карда мешавад.

Фонди қарзии хурд дар соли 1999 аз ҷониби Ассотсиятсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон дар Ҳамкори бо Ташкилоти байналхалқии "Mercy Corps" ҳамчун барномаи ғайритиҷоратӣ "Маблағгузории хурд дар Тоҷикистон" таъсис дода шуд, ки дар он аввалин бор дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои байналмиллалии маблағгузории хурд татбиқ карда шуд. Фаъолияти барнома аз ҷониби Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон ва Ташкилоти байналхалқии "Mercy Corps" то соли 2004 бо сабаби норасоии меъёрҳои зарурии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда шуд. Дар соли 2004, пас аз қувваи амалӣ пайдо намудани қонуни нав "Дар бораи маблағгузории хурд дар Тоҷикистон" роҳбарияти барнома қарор қабул кард, ки фонди қарзии хурди "Имон"-ро таъсис диҳад. Фонди қарзии хурд дар солҳои 2005-2008 фаъолияти хуб дар соҳаи маблағгузории хурд дошта, то 25 июли соли 2008, вақте ташкилоти қарзии хурд "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ" ташкил карда шуд, ки ҳамаи молу воситаҳои Фонд ба ӯ дода шудааст.

Фонди қарзии хурди "ИМОН" дар Кумитаи андози андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 июли соли 2012 таҳти рақами 5110002526 ба қайд гирифта шудааст. Иҷозатнома аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон 14 декабри соли 2012 дода шудааст.

3 феврали соли 2020 Ширкат аз Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои амалиёти бонкӣ дар асоси принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои шариат дар шакли "Равзанаи исломӣ" иҷозатнома гирифт.

Тибқи талаботи бонкдории исломӣ, стандартҳои AAOIFI ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 1108 аз 26 июли соли 2014 "Дар бораи бонкдории исломӣ" таъсиси Кумитаи хизматрасонии молиявии исломӣ (Шӯрои шариат) дар сохтори шартӣ барои бонкҳои исломӣ. Агар дар сохтори ташкилӣ ва маъмурии он Кумитаи хизматрасонии молиявӣ (Шӯрои шаръӣ) мавҷуд набошад, ширкат наметавонад тибқи принсипҳои исломӣ кор кунад.

Дар ин робита, ФҚХ "Имон" бо мақсади риояи талаботи қонунгузории мазкур, қоидаҳо ва принсипҳои шариат, инчунин таҷрибаи пешқадам, дар сохтори худ Кумитаи хизматрасонии молиявии исломиро таъсис додааст.

Кумитаи хизматрасонии молиявии исломӣ масъули қабули қарорҳои дахлдор дар масъалаҳои шариат мебошад.

Кумита вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- ҳалли масъалаҳои марбут ба риояи талабот, меъёрҳо ва принсипҳои шариат, бастани аҳдҳо ва қабули қарорҳо дар фаъолияти оперативӣ;
- таҳлил ва мутобиқати қарорҳои қабулшуда ва қарорҳое, ки тибқи шартномаҳо ва созишномаҳо бо стандартҳои Шариат ва AAOIFI қабул карда мешаванд;
- тасдиқи шариат ва додани фатвоҳо барои маҳсулот, хидматҳо, амалиёт ва муомилот;
- таърифи ҳуҷҷатҳо ва қоидаҳои дохилӣ;
- идора ва муайян кардани самтҳои истифодаи хайрияҳо;
- таъмини риояи принсипҳои адолат дар тақсими фоида ва зарар, инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо;
- машварат ва шарҳи масъалаҳои марбут ба ашёи Ҳалол ва Ҳаром;

- дигар ваколатҳо ва ваколатҳое, ки Шӯрои сарпарастон ба Кумита вогузор кардааст.

Равзана аз рӯи суроғаи зерин ба қайд гирифта шуда, дар худи ҳамин суроға ҷойгир аст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, микрорайони 19, бинои 55.

Шумораи кормандони Равзана ба ҳолатҳои 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 - 4 нафарро ташкил медод.

Ба ҳолатҳои 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 ҳайат ва саҳми муассисони Фонд чунин буданд:

1. Ташкилоти байналхалқии "Mercy Corps", ки аз рӯи суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Махсум, хонаи 21 ҷойгир буда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 ба қайд гирифта шудааст, сертификат №888А аз 1-уми ноябри соли 2012.
2. Ассатсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон, ки аз рӯи суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 ба қайд гирифта шудааст, сертификат №497 "А" аз 25-уми декабри соли 2007.

Ҳисоботи молиявии мазкур аз ҷониби Роҳбарияти Равзана 3 апрели соли 2023 тасдиқ шудааст.

## 2. ПРИНСИПҲОИ ПЕШНИҲОДКУНИИ ҲИСОБОТ

### Баёнот дар бораи мутобиқат

Ҳисоботи мазкури молиявии Равзана мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд "СБҲМ"), ки аз ҷониби Кумитаи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ва тибқи Тавзеҳот, ки аз ҷониби Кумита оид ба шарҳи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва Стандартҳои Ширкати баҳисобгирӣ ва аудит дар муассисаҳои молиявии исломӣ (минбаъд "AAOIFI") интишор гардидаанд, таҳия карда шудааст.

### Асъори функсионалӣ ва асъор барои пешниҳодкунӣ

Моддаҳое, ки ба ҳисоботи молиявии *Равзана* ворид карда шудаанд, бо истифода аз асъоре баҳогузорӣ карда мешаванд, ки онҳо моҳияти иқтисодии вазъу ҳолатҳои марбут ба *Равзана* мазкурро аз ҳама беҳтар инъикос мекунанд (минбаъд- «асъори функсионалӣ»). Сомонии тоҷикӣ (минбаъд- "сомонӣ") асъори функсионалӣ ва асъор барои пешниҳодкунии ҳисоботи молиявии мазкур маҳсуб мегардад.

## 3. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ҲИСОБДОРӢ

### Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо воситаҳои пулии хазина, воситаҳои дар бонкҳо буда ва сармоягузориҳои бозоргири кӯтоҳмуддатро дар бар мегиранд, ки онҳо дар муддати кӯтоҳ озодона дар ҳаҷми марбута ба воситаҳои пулии нақд табдил дода мешаванд.

### Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ

Равзана воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ бо арзиши таърихӣ, ки арзиши ба даст овардан, арзиши таҳвили дорои ба ҷои даркорӣ ва ба ҳолати зарурӣ расониданро дар бар мегирад, бо тарҳи истеҳлоки ҷамъшуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Истеҳлок аз рӯи арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ, бо мақсади аз ҳисоб баровардани дороиҳо дар давоми мӯҳлати истифодабарии муфид, ҳисоб карда мешавад. Ҳисобкунии истеҳлок барои мебел ва таҷҳизоти идоравӣ, таҷҳизоти компйютерӣ дар асоси усули камшаванда бо истифодабарии меъёрҳои зерин ба амал меояд:

| | |
|---|---|
| Мебел ва таҷҳизоти идоравӣ | 20% |
| Таҷҳизоти компйютерӣ | 20% |

Беҳтар кардани шароити иҷора дар тӯли мӯҳлати амволи дороиҳои ба иҷора гирифташуда истеҳлок карда мешавад. Хароҷоти марбут ба таъмир ва таъмири асосӣ ба ҳисоботи фоида ё зарар ва маҷмӯи даромади ғайр ҳамчун ҳамчун хароҷоти амалиётӣ дар давраи ҳисобшуда ҳисоб карда мешаванд, агар онҳо ба талаботи капитализатсия мувофиқат накунанд.

Ба ҳар санаи ҳисоботӣ Равзана месанҷад, ки оё арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ аз арзиши барқароркунии онҳо бештар аст ё не. Арзиши барқароркунӣ нишондиҳандаест, ки аз арзиши одилона бо назардошти нигоҳ доштани хароҷоти барои фурӯш сарфгардида ва арзиши истеъмолӣ калонтар аст. Дар сурати аз арзиши барқароркунии худ афзун гардидани арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ Равзана арзиши тавозунии воситаҳои асосиро то ба сатҳи арзиши барқароркунии онҳо кам мекунад. Баъди инъикоскунии зарар аз беқурбшавии ба миён омада, баровардҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ дар давраҳои минбаъда тасҳеҳ карда мешаванд, то ин ки арзиши тавозунии дороиҳо бо назардошти тарҳи арзиши боқимонда (агар он пешбинӣ карда шавад) тариқи баробар дар давоми мӯҳлати боқимондаи истифодабарии муфид тақсим карда шавад.

**Таърифи шартҳои асосии равзанаи исломӣ**

**Муробаҳаи молӣ**

Ин усуле мебошад, ки Равзана молро аз брокер (миёнарав, фурӯшанда) харида, онро ба соҳибият мегирад ва соҳиби қонунии мол мегардад ва баъд аз он, молро ба мизоҷ ба шарти пардохти бо миқдори зиёдшуда ва таъхир гузошта мефурӯшад.

**Иҷораи Мунтаҳия Биттамлик**

Усуле, ки Муассисаи молиявии исломӣ амвол ё таҷҳизотро аз рӯи қисмҳои иҷораи мутақобилан мувофиқашуда, ки аз фоида ва маблағи асосӣ иборат аст, маблағгузорӣ мекунад, ки фоида метавонад мувофиқи мувофиқа собит ё тағйирёбанда бошад. Дар охири мӯҳлати иҷора ҳуқуқи моликият ба амвол бо пардохти охирин ба муштарӣ мегузарад.

**Закот ва андоз**

Андоз аз даромади *Равзана* аз ҷониби Фонди қарзии хурди "Имон" ситонида ва пардохт карда мешавад, зеро Равзана воҳиди сохтории Фонди Қарзии Хурди "Имон" мебошад.

Закот бо сабаби он муайян карда нашудааст, ки *Равзана* ба мутаносибан нав ба фаъолият оғоз кардааст ва ин масъала дар оянда баррасӣ хоҳад шуд.

**Даромадҳое, ки Шариати исломӣ манъ кардааст**

Ҳар даромаде, ки *Равзана* аз сарчашмаҳое, ки Шариати исломӣ манъ кардааст, ба даст меорад, ба ҳисоботи фоида ва зиёни *Равзана* дохил карда намешавад, балки тибқи қоидаҳо ва принсипҳои Шариати исломӣ, ки аз Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии *Равзана* муқаррар карда шудааст, ба суратҳисоби махсуси фонди захираҳои Вақф интиқол дода мешавад.

**Ӯҳдадориҳои шартӣ**

Ӯҳдадориҳои шартӣ дар тавозуни муҳосибӣ эътироф намешаванд, вале дар ҳисоботи мазкури молиявӣ шарҳ меёбанд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки эҳтимолияти беруншавии воситаҳои дар натиҷаи пардохти онҳо кам аст.

**Маблағгузорӣ аз Саридора**

Маблағгузорӣ аз Саридора барои бурдани фаъолияти асосии Равзана дар бахши дороиҳои холиси софи ҳисоботи вазъи молиявӣ аз рӯи арзиши ибтидоӣ эътироф карда мешаванд.

**Ӯҳдадориҳои нафақавӣ**

Мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Равзана маблағи пардохтҳои нафақавиро аз музди меҳнати кормандон боздошта, онҳоро ба Фонди нафақавии давлатӣ мегузоранд. Низоми мавҷудаи таъминоти нафақавӣ ҳисобу китоби пардохтҳои ҷории кордиҳандаро ҳамчун фоиз аз пардохтҳои ҷории умумӣ ба кормандон пешбинӣ мекунад. Чунин хароҷот дар даврае, ки ба он пардохтҳои марбута ба кормандон таалуқ доранд, эътироф карда мешаванд. Ҳангоми ба нафақа баромадан тамоми пардохтҳои нафақавӣ аз ҷониби Фонди нафақавии дар боло ишорагардида ба амал оварда мешаванд. Равзана ғайр аз иштирок дар низоми давлатии нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар дар ягон нақшаи иловагии таъминоти нафақавӣ надорад. Ғайр аз ин, Равзана ба кормандон пас аз ба нафақа баромаданашон ягон имтиёз пешниҳод наменамояд ва ё имтиёзи назаррасе, ки пардохти маблағро талаб мекунад, надорад.

**Усули азнавҳисобкунии асъори хориҷӣ**

Воситаҳои пулӣ ва ӯҳдадориҳои дар асъори хориҷӣ ифодаёфта тибқи қурби марбутаи мубодилавие, ки ба санаи 31 декабр муқаррар карда шудааст, дар сомонӣ аз нав ҳисоб карда мешаванд. Амалиётҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯи қурби баҳисобгирӣ, ки дар санаи амалиётгузаронӣ муқаррар шудааст, инъикос карда мешаванд. Даромаду зарарҳое,ки аз чунин ивазкунӣ ба миён меоянд, дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва маҷмӯи даромади ғайр ба даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ ворид карда мешаванд.

**Қурби мубодилавӣ**

Дар поён қурбҳои мубодилавие, ки дар охири сол амал мекарданд ва Равзана онҳоро дар рафти таҳияи ҳисобот истифода кардааст, оварда мешаванд:

| | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|
| Сомонӣ / Доллари ИМА | 10.2024 | 11.3000 |

**Мулоҳизаҳои муҳими баҳисобгирӣ ва пешбиниҳо**

Таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи стандартҳои баҳисобгирии молиявӣ ("FAS"), ки аз ҷониби AAOIFI бароварда шудааст, истифодаи пешбиниҳои муҳосибӣ ва тахминҳои муҳими баҳисобгирии муҳосибиро талаб мекунад, ки ба ҳаҷми гузоришшудаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, инчунин даромад ва хароҷот таъсир мерасонанд. Он инчунин аз роҳбарият талаб мекунад, ки тасмими худро дар истифодаи сиёсати баҳисобгирии равзана амал кунад. Чунин махминҳо ва тасмимҳо доимо баҳогузорӣ карда мешаванд ва ба таҷрибаи таърихӣ ва омилҳои дигар, аз ҷумла гирифтани маслиҳатҳои касбӣ ва интизориҳои рӯйдодҳои оянда, ки интизорӣ меравад, ки тибқи шароит қобили қабул ҳастанд, асос ёфтааст.

## 4. ДАРОМАД АЗ ФАЪОЛИЯТИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ

| | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст** |
|---|---|---|
| Даромад аз маблағгузориҳои муробаҳа | 789,277 | 271,080 |
| Даромад аз маблағгузориҳои иҷораи мунтаҳия биттамлик | 500,269 | - |
| **Ҳамагӣ:** | **1,289,546** | **271,080** |

## 5. ТАШАККУЛИ ЗАХИРА БАРОИ ТАЛАФОТҲОИ ЭҲТИМОЛИИ ҚАРЗИИ ДИГАР ДОРОИҲО

Ташаккули/Барқарори захира барои талафоти эҳтимолии қарзии дигар дороиҳо дар Равзана барои солҳое, ки 31 декабри 2022 ва 2021 сол анҷом ёфтаанд, чунин пешниҳод гардидааст:

| | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст** |
|---|---|---|
| Ташаккул барои маблағгузории исломӣ | (39,887) | - |
| Ташаккул барои ҳисобҳо | - | (123,163) |
| | **(39,887)** | **(123,163)** |
| Барқарорсозӣ аз маблағгузории исломӣ | 6,475 | - |
| Барқарорсозӣ аз ҳисобҳо | 47,924 | - |
| | **54,399** | - |
| **Ҳамагӣ:** | **14,512** | **(123,163)** |

## 6. (ЗАРАР)/ДАРОМАДИ СОФ АЗ РӮИ АМАЛИЁТҲО БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

| | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст** |
|---|---|---|
| Амалиётҳо оид ба хариду фурӯш, холис | (172,501) | 2,966 |
| Фарқияти қурбӣ, холис | (154,701) | (17,944) |
| **Ҳамагӣ:** | **(327,202)** | **(14,978)** |

## 7. ХАРОЧОТҲОИ АМАЛИЕТӢ

| | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анчом ёфтааст | | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анчом ёфтааст | |
|---|---|---|---|---|
| | **Маблағ** | **Ҳисса %** | **Маблағ** | **Ҳисса %** |
| Дигар харочот барои хизматрасонӣ/ҳақгузорӣ | 18,581 | 2.05 | 23,046 | 3.04 |
| Маош ва музди кор | 585,249 | 64.56 | 479,150 | 63.17 |
| Иловапардохт ба шахсони вазифадор ва кормандон | 35,526 | 3.92 | - | - |
| Ҳақгузорӣ ба фонди ҳифзи ичтимоӣ | 92,350 | 10.19 | 99,537 | 13.12 |
| Омӯзиши кормандон | 2,187 | 0.24 | 6,375 | 0.84 |
| Пардохти ҳаққи хизмати аудиторҳои берунӣ | - | - | 70,800 | 9.33 |
| Андози фонди роҳ | - | - | 8,761 | 1.16 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 30,000 | 3.31 | 19,440 | 2.56 |
| Дигар андозҳо ва ичозатномаҳо | 42,064 | 4.64 | 27,000 | 3.56 |
| Ҳисобкунии фарсоиш – мебел, асбоб ва таҷҳизот | 8,909 | 0.98 | 9,515 | 1.25 |
| Харочоти фарсоиши дороиҳои ғайримоддӣ | 6,089 | 0.67 | - | - |
| Харочоти ичорапулӣ | 24,150 | 2.66 | - | - |
| Харочоти таъмир ва муоинаи техникӣ | 110 | 0.01 | 75 | 0.01 |
| Харочоти сӯзишворӣ ва маводи сӯхту равғанкорӣ | 6,545 | 0.72 | - | - |
| Харочоти сафарҳои хидматӣ ва нақлиёт | 4,590 | 0.51 | 5,191 | 0.68 |
| Харочоти алоқа | - | - | 1,396 | 0.18 |
| Молҳои дафтардорӣ ва дигар лавозимот | 2,967 | 0.33 | 2,660 | 0.35 |
| Харочоти захираи рухсатии истифоданашуда | 3,812 | 0.42 | 3,223 | 0.42 |
| Харочоти реклама ва хабардорнамоӣ | 1,809 | 0.20 | 70 | 0.01 |
| Харочоти намояндагӣ ва харочоти чорабиниҳои фарҳангӣ | 1,384 | 0.15 | 1,694 | 0.22 |
| Ҳаққи узвият ва ҳақгузорӣ | 343 | 0.04 | 321 | 0.04 |
| Дигар харочотҳо | 6 | - | 226 | 0.03 |
| **Ҳамагӣ:** | **866,671** | **100.00** | **758,480** | **100.00** |

## 8. АНДОЗ АЗ ФОИДА

Дар соли 2022 Равзана андоз аз фоида ба маблағи 20,200 сомонӣ дар андозаи 20% ҳисоб кардааст.

## 9. ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО

Ба санаи 31 декабри соли 2022 ва 2021 воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо ба тариқи зайл пешниҳод гардидаанд:

| | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|
| Суратҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳо – пули миллӣ | 603,035 | 134,355 |
| Суратҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳо – асъори хориҷӣ | 7,171,683 | 10,335,208 |
| Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ | (138,262) | (186,186) |
| **Ҳамагӣ:** | **7,636,456** | **10,283,377** |

Ба санаи 31 декабри соли 2022 маблағҳо дар суратҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳо ба маблағи 7,636,456 сомонӣ дар 2 ташкилоти молиявӣ ҷойгир буданд.

## 10. ҚАРЗДОРИИ ДЕБИТОРӢ АЗ РӮИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ, ба тариқи зайл пешниҳод шуданд:

| | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|
| Маблағгузории муробаҳа | 9,272,899 | 4,446,406 |
| Маблағгузориҳо аз рӯи иҷора мунтаҳия биттамлик | 4,353,945 | 468,510 |
| | **13,626,844** | **4,914,916** |
| Фонди махсуси маблағгузориҳо | (33,412) | - |
| | **13,593,432** | **4,914,916** |
| Даромади татбиқнашуда | (2,037,538) | (972,589) |
| **Ҳамагӣ:** | **11,555,894** | **3,942,327** |

Ба санаи 31 декабри соли 2022, *Равзана* маблағгузорӣ ба 10 муштарӣ ба маблғи умумии 2,375,303 сомонӣ кардааст, ки тақрибан 20 фоизи портфели маҷмӯиро ташкил медод.

Захираҳо тибқи дастурамали дохилӣ, ки барои аз 90 то 180 рӯз – 50% ва зиёда аз 180 рӯз – 100% ҳисоб карда мешаванд.

Маълумот дар бораи ҳаракати захираҳо барои талафоти эҳтимолии маблағгузорӣ ба муштариён, барои солҳое, ки 31 декабри соли 2022 ва 2021 анҷом ёфтаанд, дар зер оварда шудааст:

| | Талафоти ҷудой | Талафоти гуруҳӣ | Ҳамагӣ талафот ба воситаи фоида ва зарар |
|---|---|---|---|
| 31 декабри соли 2021 | - | - | - |
| **Ташкилкунии захираҳо** | (39,887) | - | (39,887) |
| **Барқарорсозии захираҳо** | 6,475 | - | 6,475 |
| 31 декабри соли 2022 | (33,412) | - | (33,412) |

Сохтори сандуқи сармоягузорӣ аз рӯи соҳаҳо дар зер оварда шудааст:

| | 31 декабри соли 2022 | Вазни хос % | 31 декабри соли 2021 | Вазни хос % |
|---|---|---|---|---|
| Истеъмолӣ | 3,666,258 | 31.73 | 1,748,610 | 44.35 |
| Нақлиёт | 7,135,371 | 61.65 | 1,080,449 | 27.41 |
| Истеҳсолот | 349,653 | 3.03 | 679,391 | 17.23 |
| Савдо | 38,455 | 0.33 | 328,065 | 8.32 |
| Кишоварзӣ ва чорводорӣ | 366,158 | 3.17 | 105,812 | 2.68 |
| **Ҳамагӣ** | **11,555,894** | **100.00** | **3,942,327** | **100.00** |

Иттилоот дар бораи таъминот бо гарав аз рӯи қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ ба тарзи зерин пешниҳод мегардад:

| | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|
| Амволи ғайриманқул | 584,492 | 830,053 |
| Амволи манқул | 6,568,980 | 200,529 |
| Бе таъминот | 4,402,422 | 2,911,745 |
| **Ҳамагӣ** | **11,555,894** | **3,942,327** |

## 11. ДАРОМАДИ ҲИСОБШУДА БАРОИ ГИРИФТАН

Даромади ҳисобшуда барои гирифтан пардохтҳое мебошанд, ки аз маблағгузории иҷора интизор мешаванд:

| **Дигар дороиҳои ғайримолиявӣ** | **31 декабри соли 2022** | **31 декабри соли 2021** |
|---|---|---|
| Даромади ҳисобшуда барои гирифтан | 32,356 | - |
| **Ҳамагӣ** | **32,356** | **-** |

## 12. ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 воситаҳои асосии Равзана ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

| **Арзиши ибтидоӣ** | **Мебел ва таҷҳизоти идоравӣ** | **Таҷҳизоти компютерӣ** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|
| **Ба 31 декабри соли 2020** | - | 2,310 | 2,310 |
| Воридот | - | 6,079 | 6,079 |
| Воридот аз Саридора | 42,343 | 34,194 | 76,537 |
| **Ба 31 декабри соли 2021** | **42,343** | **42,583** | **84,926** |
| Воридот | - | 5,600 | 5,600 |
| **Ба 31 декабри соли 2022** | **42,343** | **48,183** | **90,526** |
| **Истеҳлоки ҷамъшуда** | | | |
| Ба 31 декабри соли 2020 | - | - | - |
| Ҳаққи истеҳлок | (10,590) | (12,388) | (22,978) |
| Ба 31 декабри соли 2021 | (10,590) | (12,388) | (22,978) |
| Ҳаққи истеҳлок | (4,167) | (4,744) | (8,911) |
| **Ба 31 декабри соли 2022** | **(14,757)** | **(17,132)** | **(31,889)** |
| **Арзиши бақиявӣ** | | | |
| **Ба 31 декабри соли 2021** | **31,753** | **30,195** | **61,948** |
| **Ба 31 декабри соли 2022** | **27,586** | **31,051** | **58,637** |

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 Равзана воситаҳои асосие, ки ба сифати таъмини ӯҳдадорӣ оиди гарав дода мешаванд, надошт.

## 13. ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 дороиҳои ғайримоддии Равзана ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

| **Арзиши ибтидоӣ** | **Барномаҳо** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|
| **Ба 31 декабри соли 2020** | - | - |
| Воридот | - | - |
| **Ба 31 декабри соли 2021** | - | - |
| Воридот | - | - |
| Воридот аз Саридора | 182,655 | 182,655 |
| **Ба 31 декабри соли 2022** | **182,655** | **182,655** |
| **Истеҳлоки ҷамъшуда** | | |
| Ба 31 декабри соли 2020 | - | - |
| Ҳаққи истеҳлок | - | - |
| Ба 31 декабри соли 2021 | - | - |
| Ҳаққи истеҳлок | (6,089) | (6,089) |
| **Ба 31 декабри соли 2022** | **(6,089)** | **(6,089)** |
| **Арзиши бақиявӣ** | | |
| **Ба 31 декабри соли 2021** | - | - |
| **Ба 31 декабри соли 2022** | 176,566 | 176,566 |

## 14. ДИГАР ӮҲДАДОРИҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 дигар ӯҳдадориҳои Равзана ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

| | **31 декабри соли 2022** | **31 декабри соли 2021** |
|---|---|---|
| **Дигар ӯҳдадориҳои молиявӣ** | | |
| Ҳисобҳои дигар барои пардохт | 66,254 | 9,812 |
| Захира аз рӯи рухсатии истифоданашуда | 21,025 | 17,214 |
| Дигар | 1,686 | - |
| *Ҳамагӣ дигар ӯҳдадориҳои молиявӣ* | *88,965* | *27,026* |
| | | |
| **Дигар ӯҳдадориҳои ғайримолиявӣ** | | |
| Андоз аз фоида барои пардохт | 20,200 | - |
| *Ҳамагӣ дигар ӯҳдадориҳои ғайримолиявӣ* | *20,200* | - |
| **Ҳамагӣ** | **109,165** | **27,026** |

## 15. МАБЛАҒГУЗОРӢ АЗ САРИДОРА

Аз ҷониби Шӯрои парасторони Фонди қарзии хурди "Имон" барои фаъолияти *Равзана*, ки дар давоми фаъолият то ба ҳолати 31 декабри соли 2022 ҷудо карда шудааст, 20,066,169 сомониро ташкил медиҳад.

## 16. ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВИИ ШАРТӢ

**Ӯҳдадориҳо аз рӯи хароҷотҳои сармоявӣ**

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 Равзана аз рӯи хароҷотҳои сармоявӣ ӯҳдадорӣ надошт.

**Даъвоҳои судӣ**

Дар рафти фаъолияти Равзана баъзан мизоҷон ва тарафҳои шартнома (контрагентон) ба Равзана даъвоҳо пешниҳод мекунанд. Равзана низ дар навбати худ ба мизоҷон даъвоҳо пешниҳод менамояд. Тибқи вазъи таърихҳои ҳисоботӣ, Равзана ба мурофиаҳои судии зидди вай оғозшуда ҷалб нагардидааст.

**Андозбандӣ**

Вобаста ба он ки дар қонунгузории андози Тоҷикистон муқаррароте ҳастанд, ки духӯра шарҳ дода мешаванд, инчунин бо назардошти он ки мақомоти андоз вобаста ба фаъолияти Равзана баъзан худраъёна муҳокимаронӣ мекунад, агар ягон амали мушаххаси ба шаҳру маънидоди қонунгузорӣ асосёфтаи роҳбарияти Равзана аз ҷониби мақомоти андоз инкор карда шавад, ин боиси ҳисобкунии андозҳои иловагӣ ва ситонидани ҷаримаҳо мегардад. Ба ақидаи роҳбарияти Равзана, дар санаи ҳисоботӣ муқаррароти дахлдори қонунгузорӣ дуруст шарҳ дода шудаанд ва мавқеи Равзана дар робита ба қонунгузории андоз устувор боқи хоҳад монд.

**Ҳолати иқтисодӣ**

Фаъолияти асосии иқтисодии Равзана дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Аз сабаби он, ки қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ва вазъияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанда мунтазам тағйир мееёбанд, дороиҳо ва амалиётҳои Равзана дар ҳолати вазниншавии вазъияти иқтисодӣ ва сиёсӣ ба хавф дучор мешаванд.

**Ҳолати иқтисодӣ**

Бар хилофи бозорҳои нисбатан инкишофёфта, бозорҳои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифторшавандаи таъсири хавфҳои гуногун, аз ҷумла хавфҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва меъёрӣ мебошанд. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз гирифторшавандаи тағйиротҳо мебошад. Таъбири гуногуни қонунгузориҳои андоз, асъор ва гумрук, инчунин маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва фискалӣ (хазинаи давлатӣ), ки бо онҳо Равзана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда рӯ ба рӯ мешавад, вуҷуд дорад. Самтиояндаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз истифодаи чорабиниҳои давлатии иқтисодӣ, андозбандӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, инчунин тағйироти базаи меъёрию ҳуқуқӣ, муайян шуда истодааст.

Танзими меъёрии ҳуқуқии дороиҳои расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли гузашта тағйирёбанда мебошанд. Имконияти интерпретатсияи гуногуни андозӣ, асъорӣ ва қонунгузории гумрукӣ, инчунин дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва фискалӣ вуҷуд доранд, ки Равзана ҳангоми фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо бармехӯрад. Самтиояндаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксари мавридҳо тибқи аз ҷониби давлатҳо истифода намудани тадбирҳои иқтисодӣ, андозбандӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, инчунин тағйирёбии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва вазъи сиёсӣ дар кишварҳо муайян мегардад.

Ҳисоботи молиявии мазкур фарогири ягон тасҳеҳоти дар оянда дар натиҷаи ҳалли номуайянии мазкур зарур мешуда нест. Тасҳеҳоти имконпазир танҳо дар давраe ба ҳисобот ворид карда мешаванд, ки инъикоси онҳо яқинан зарур гардида, баҳогузории нишондиҳандаҳои миқдории онҳо имконпазир мегардад.

## 17. АМАЛИЁТҲО БО ТАРАФҲОИ АЛОҚАМАНД

Барои мақсади ҳисоботи молиявии мазкур тарафҳои алоқаманд саҳмдорон, роҳбарони *Равзана*, инчунин дигар шахсон ва ташкилотҳои аз тарафи онҳо назоратшаванда ва ё ба онҳо алоқамандро дарбар мегирад.

Дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, барои соле, ки 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 анҷом ёфтанд дар натиҷаи муомилот бо шахсони марбут маблағҳои зерин гузориш дода шудаанд:

| | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст** |
|---|---|---|
| Хароҷотҳои амалиётӣ: | | |
| Маоши ҳайъати асосии кормандони идоракунанда | 331,678 | 276,253 |

## 18. СИЁСАТИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Фалсафаи идоракунии хавфҳои *Равзана*, аз идоракунии ҷанбаҳои асосии хавф барои ҳифзи арзиши дороиҳо ва ҷараёнҳои даромад ва ҳимояи манфиатҳо иборат мебошад. Хавфҳои ба фаъолияти *Равзана* хосбуда тавассути раванди муайянкунӣ, ченкунӣ, коҳиш ва мониторинги доимӣ идора карда мешаванд. Ба сифати чораи асосӣ оиди коҳиш додани таъсири хавфҳо ҷавоб ба назорат меъёри хавфҳо муқаррар карда шудаанд.

Равзана пеш аз ҳама ба хавфҳои маблағгузорӣ, пардохтпазирӣ, бозорӣ ва амалиётӣ дучор мешавад. Дараҷаи хавфе, ки *Равзана* ҳангоми ичрои мандати рушд омода аст қабул намояд, бо қобилияти ӯ барои қабули намудани хавфҳо маҳдуд гаштааст. Хавфҳо ва равандҳое, ки ба коҳиш додани ин хавфҳо нигаронида шудаанд, дар марҳилаи таҳлил гардида ба таври назаррас тағйир наёфтаанд.

**Хавфи маблағгузорӣ**

Равзана ба хавфи маблағгузорӣ гирифтор шуда метавонад, ин хавф ба он вобаста аст, ки як тараф ӯҳдадориҳои марбут ба воситаҳои молиявиро иҷро карда наметавонад, ки дар тарафи дигар ба зарари молиявӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Идоракунии хавфҳо ва мониторинги онҳо аз Ҷониби Кумитаи маблағгузорӣ ва Роҳбарияти Равзана дар доираи салоҳиятҳои муқарраргардида ба амал оварда мешавад. Пеш аз амали Бавоситаи Кумитаи маблағгузорӣ роҳбарияти Равзана тамоми тавсияҳои марбут ба равандҳои маблағгузорӣ (маҳдудиятҳое, ки барои қарзгирандагон муқаррар карда шудаанд ва ё иловаҳо ба шартномаи маблағгузорӣ ва ғайра)-ро баррасӣ ва тасдиқ мекунад.

Равзана вобаста ба идоракунии хавфи маблағгузорӣ сиёсатеро таҳия карда баромад, ки он масъалаҳои маҳдудкунии раванди марказонидани ҷузвдони маблағгузорӣ ва таъсис додани Кумитаи маблағгузориро дар бар кардааст, кумитаи мазкур мониторинги хавфҳоро ба амал меорад. Сиёсати маблағгузории Равзана аз ҷониби Шӯрои Парасторон баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад. Равзана сатҳҳои хавфи маблағгузориро тавассути муқаррар намудани меъёрҳои маҳдудкунандаи ҳаҷми хавф, ки дар нисбати як гирандаи маблағгузорӣё гурӯҳи гирандагони маблағгузорӣ, инчунин аз рӯи секторҳои иқтисодиёт қабул мегардад, тақаккул медиҳад. Нисбати меъёрҳои муқарраргардида мониторинги ҳамарӯзаи хавфҳои воқеӣ ба амал оварда мешавад.

Гирифтор будан ба хавфи маблағгузорӣ дар асоси таҳлили мунтазами қобилияти гирандагони маблағгузорӣ ва гирандагони эҳтимолӣ барои иҷроиши ӯҳдадориҳои марбут ба пардохти даромади комиссионӣ ва маблағҳои асосӣ, инчунин ҳангоми зарурат тавассути тағйир додани ин меъёрҳои маблағгузорӣ назорат карда мешавад. Гирифторшавӣ ва хавфи маблағгузорӣ инчунин тавассути гирифтани таъминот ва гаравҳое, ки аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дода мешаванд, дар нисбати онҳо гирифтани гарав ё кафолат имконпазир мебошад. Чунин хавфҳо доимӣ мониторинг карда шуда, на кам аз 1 маротиба дар давоми сол таҳлил мегарданд.

**Хавфи амалиётӣ**

Равзана гирифтори хавфи амалиётиест, ки он хавфи пайдоиши талафотеро, ки дар натиҷаи дилхоҳ нуқсони низомӣ, қатъ гардидани равандҳои дохиливу низом, хатоҳое, ки одамон содир мекунанд ва ё таъсири омилҳои манфии беруна ба миён меоянд, инъикос менамоянд.

Сиёсати идоракунии хавфи Равзана барои ҳаммонанд кардану таҳлил кардани хавф ва муқарраркунии меъёрҳои марбутаи хавф ва назорат таҳия карда шудааст.

**Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи маблағгузорӣ**

Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи маблағгузории Равзана вобаста ба хавфҳои инфиродӣ, ки мутааллиқ ба дороиҳои молиявӣ ва хавфҳои умумии бозорианд, тағйир ёфта метавонад.

Дар ҷадвали навбатӣ ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи маблағгузорӣ аз рӯи дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои шартӣ нишон дода шудааст. Барои дороиҳои молиявӣ ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи маблағгузорӣ ба арзиши тавозунии ин дороиҳо бе назардошти маблағи баҳисобгирӣ ва таъминкунӣ баробар аст. Барои кафолатҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои дигари шартӣ ҳаҷми

Ҳадди ниҳоии хавфи маблағгузорӣ маблағи ниҳоиеро ифода мекунад, ки онро Равзана ҳангоми ба миён омадани зарурати пардохткунӣ аз рӯи кафолатҳо ва ё талаб карда гирифтани маблағгузориҳо дар доираи хатҳои кушодаи маблағгузорӣ маҷбур мегардад пардохт намояд.

Арзиши молиявии кафолатӣ дар асоси арзиши одилона ба рузи пардохти маблағгузорӣ муайян карда шуда, бо маблағи маблағгузорӣ муайян ба санаи ҳисоботӣ маҳдуд карда мешавад.

| | Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи маблағгузорӣ | Маблағи ба ҳисоб гирифташуда | Ҳаҷми софи хавфи маблағгузорӣ баъди ба ҳисоб гирифтан | Таъминкунӣ | Соли 2022 Ҳаҷми софи хавфи маблағгузорӣ баъди ба ҳисоб гирифтан ва баҳисобгирии таъминкунӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 7,636,456 | - | 7,636,456 | - | 7,636,456 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 11,555,894 | - | 11,555,894 | 7,153,472 | 4,402,422 |

| | Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи маблағгузорӣ | Маблағи ба ҳисоб гирифташуда | Ҳаҷми софи хавфи маблағгузорӣ баъди ба ҳисоб гирифтан | Таъминкунӣ | Соли 2021 Ҳаҷми софи хавфи маблағгузорӣ баъди ба ҳисоб гирифтан ва баҳисобгирии таъминкунӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 10,283,377 | - | 10,283,377 | - | 10,283,377 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 3,942,327 | - | 3,942,327 | 1,030,582 | 2,911,745 |

Дар сурати иҷро накардан ва ё иҷрои нокифояи ӯҳдадориҳои қарзӣ аз тарафи қарзгиранда Равзана ҳуқуқ дорад, ки иҷроиши ин ӯҳдадориҳоро бо роҳҳои зерин таъмин намояд:

1. Фурӯши якҷояи амволи гарав.

2. Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба моликияти худ қабул кардани амволи гарав;
3. Мурочиат ба суд барои ситонидани амволи ба гарав мондашуда.

Ҳангоми анҷом фурӯхтани амволи гарав Равзана аксаран варианти бо гирандаи маблағгузорӣ ва харидор бастани шартномаи сетарафаи хариду фурӯшро интихоб мекунад. Мутобиқи шартномаи мазкур харидор ӯҳдадорӣ қабул мекунад, ки аз ҷониби қарзгиранда пардохткунии маблағгузориро амалӣ намуда, моликиятро аз гарав озод кунад.

Равзана тибқи талаботи судӣ ситонидани амволи ба гарав мондашударо танҳо дар ҳолатҳое истифода мебарад, ки истифода кардан аз усулҳои дигар ғайриимкон аст ва ё ба мақсад мувофиқ нест ва ё дар ҳолатҳое аз он истифода мебарад, ки ҳабс кардани амволи ба гарав мондашударо ҳимояи манфиатҳову ҳуқуқҳои Равзана талаб мекунад.

Дороиҳои молиявӣ бо назардошти рейтингҳои маблағгузории ҷорӣ, ки аз тарафи агентии бонуфузи байналмилалӣ тасниф карда мешаванд. Рейтинги аз ҳама баландтарин AAA мебошад. Сатҳи инвеститсионии дороиҳои молиявӣ ба рейтингҳои аз Aaa то Baa3 мутобиқат мекунад. Дороиҳои молиявӣ бо рейтинги пасттар аз Baa3 ба сатҳи ҳаннотӣ баробаранд.

Дар поён таснифи дороиҳои молиявии Равзана аз рӯи рейтингҳои мублағгузорӣ оварда шудаанд.

| | Aaa-A3 | Baa1-Baa3 | >Baa3 | Рейтинг дода нашудааст | Соли 2022 Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо | - | - | - | 7,636,456 | 7,636,456 |
| Қарзҳои дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | - | - | - | 11,555,894 | 11,555,894 |

| | Aaa-A3 | Baa1-Baa3 | >Baa3 | Рейтинг дода нашудааст | Соли 2021 Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо | - | - | - | 10,283,377 | 10,283,377 |
| Қарзҳои дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | - | - | - | 3,942,327 | 3,942,327 |

Азбаски на ҳамаи контрагентҳое, ки Равзана бо онҳо кор мекунад, рейтинги байналмилалии агентиҳои рейтингӣ надоранд, Равзана моделҳои дохилии рейтингӣ ва скорингиро истифода менамояд, ки онҳо барои муайян намудани рейтинги контрагентҳо, ки бо рейтингҳои байналмилалии агентиҳои рейтингӣ баробар мебошад, имконият медиҳад. Чунин инструментҳо барои мизоҷони корпоративӣ ва моделҳои скорингӣ ҷиҳати мизоҷони гуногун ва мизоҷони тиҷорати хурд модели рейтингӣ ба ҳисоб меравад.

Секторҳои маблағгузории иттиҳодиявӣ ва умум гирифтори хавфи маблағгузорӣ мебошад, ки он нисбати дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои шартӣ ба миён меояд. Хавфи асосии қарзии Равзана дар Тоҷикистон мутамарказ гардидааст. Сатҳи хавфи маблағгузорӣ бо мақсади

таъмин кардани меъёрҳои маблағгузорӣ ва қобилияти пардохтпазирӣ мутобиқи сиёсати идоракунии хавфҳо, ки Равзана тасдиқ намудааст, муттасил мониторинг карда мешавад.

Дар ҷадвале, ки дар поён оварда шудааст, таҳлили арзиши тавозунии дороиҳое, ки беқурб шудаанд ва дороиҳои молиявии мӯҳлаташон гузашта, аммо беқурбнашуда тасвир ёфтааст:

| | Дороиҳои молиявии беқурб-нашуда | То 3 моҳ | 3-6 моҳ | 6 моҳ – 1 сол | Зиёда аз 1 сол | Дороиҳои молиявии беқурб-шуда | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 7,636,456 | - | - | - | - | - | 7,636,456 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 11,555,894 | - | - | - | - | - | 11,555,894 |

| | Дороиҳои молиявии беқурб-нашуда | То 3 моҳ | 3-6 моҳ | 6 моҳ – 1 сол | Зиёда аз 1 сол | Дороиҳои молиявии беқурб-шуда | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 10,283,377 | - | - | - | - | - | 10,283,377 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 3,942,327 | - | - | - | - | - | 3,942,327 |

**Тамаркузи ҷуғрофӣ**

Шӯъбаи банақшагирӣ ва таҳлил хавфҳоеро, ки ба тағйироҳои дар қонунгузорӣ баамаломада вобастаанд, назорат намуда, таъсири онҳоро ба фаъолияти Равзана баҳогузорӣ мекунад. Чораи мазкур ба Равзана имконият медиҳад, ки зарарҳои аз тағйирёбии фазои инвеститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бамиёномадаро ба ҳадди ақал расонад.

Маълумот дар бораи тамаркузи ҷуғрофии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо дар ҷадвалҳои зерин оварда шудааст:

| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 7,636,456 | 7,636,456 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 11,555,894 | 11,555,894 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | 19,192,350 | 19,192,350 |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 88,965 | 88,965 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | 88,965 | 88,965 |
| **Мавқеи холис** | **19,103,385** | **19,103,385** |

| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 10,283,377 | 10,283,377 |
| Талаботи дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 3,942,327 | 3,942,327 |
| ҶАМЪИ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | 14,225,704 | 14,225,704 |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 27,026 | 27,026 |
| ҶАМЪИ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | 27,026 | 27,026 |
| **Мавқеи холис** | **14,198,678** | **14,198,678** |

**Хавфи пардохтпазирӣ**

Хавфи пардохтпазирӣ ин хавфи пайдоиши мушкилотҳоест, ки ба гирифтани воситаҳои бозпардохти ӯҳдадориҳо ҳангоми расидани мӯҳлати воқеии пардохти онҳо ва қонеъсозии талабот ба воситаҳои пулӣ дар раванди маблағгузорӣ ба мизоҷон вобаста мебошад.

Роҳбарият ин намуди хавфро тавассути таҳлили мӯҳлатҳои бозпардохт назорат намуда, стратегияи Равзанаро барои давраи минбаъдаи молиявӣ муайян мекунад. Идоракунии пардохтпазирии ҷорӣ аз ҷониби Кумитаи идораи дороиҳо ва ӯҳдадориҳо амалӣ карда мешавад, ки пардохтпазирии ҷориро дар сатҳи ҳадди ақали хавфи пардохтпазирӣ нигоҳ медорад.

Давраҳои бозпардохти дороиҳову ӯҳдадориҳо ва қобилияти ивазкунии ӯҳдадориҳои фоизӣ дар сурати мавҷудияти зарарҳои қобили қабул (дар лаҳзаҳои пардохти онҳо) барои муайянкунии бозоргирии Равзана ва ҳассоснокии он ба тағйирёбии меъёрҳои фоизӣ ва қурбҳои мубодилавӣ аз шартҳои муҳим мебошанд.

Таҳлили минбаъдаи хавфи пардохпазирӣ ва хавфи тағйирёбии меъёри фоизӣ мутобиқи СБХМ 7 дар ҷадвалҳои зерин нишон дода шудааст. Маблғҳое, ки дар ин ҷадвалҳо оварда шудаанд, ба маблағҳои дар ҳисоботи тавозунӣ инъикосёфта мувофиқат намекунанд, чунки ҷадвале, ки дар поён оварда шудааст, таҳлили мӯҳлатҳои ӯҳдадориҳои молиявиро дар бар мегирад. Ин таҳлил пардохтҳои маҷмӯии аз рӯи қарордодҳо боқимондаро (аз ҷумла пардохти фоизро), ки дар ҳисоботи тавозунӣ аз рӯи усули меъёри самараноки фоизӣ эътироф нагардиданд, нишон медиҳад.

Дар ҷадвале, ки дар поён оварда шудааст, таҳлили хавфи фоизии тавозунӣ ва хавфи дороиҳои бозоргир тасвир ёфтааст.

| | Даромад-нокӣ | То 1 моҳ | 1-3 моҳ | 3 моҳ – 1 сол | 1 сол – 5 сол | Беш аз 5 сол | Мӯҳлати номуайян | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | | | | | | |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 10 | 1,598 | 21,361 | 697,887 | 8,556,142 | 2,221,813 | 57,093 | 11,555,894 |
| Ҳамагӣ дороиҳои молиявие, ки аз рӯи онҳо даромад ҳисоб карда мешаванд | | 1,598 | 21,361 | 697,887 | 8,556,142 | 2,221,813 | 57,093 | 11,555,894 |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | | 7,636,456 | - | - | - | - | - | 7,636,456 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | | 7,638,054 | 21,361 | 697,887 | 8,556,142 | 2,221,813 | 57,093 | 19,192,350 |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | | | | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | 88,965 | - | - | - | - | - | 88,965 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | | 88,965 | - | - | - | - | - | 88,965 |
| Фарқият байни дороиҳо ва ӯҳдадориҳо | | 7,549,089 | 21,361 | 697,887 | 8,556,142 | 2,221,813 | 57,093 | 19,103,385 |
| Фарқият байни дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи онҳо даромад ҳисоб карда мешаванд | | 1,598 | 21,361 | 697,887 | 8,556,142 | 2,221,813 | 57,093 | 11,555,894 |

| | Даромад-нокӣ | То 1 моҳ | 1-3 моҳ | 3 моҳ – 1 сол | 1 сол – 5 сол | Беш аз 5 сол | Мӯҳлати номуайян | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | | | | | | |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 10 | 3,172 | 135,015 | 478,082 | 2,415,856 | 908,938 | 1,264 | 3,942,327 |
| Ҳамагӣ дороиҳои молиявие, ки аз рӯи онҳо даромад ҳисоб карда мешаванд | | 3,172 | 135,015 | 478,082 | 2,415,856 | 908,938 | 1,264 | 3,942,327 |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | | 10,283,377 | - | - | - | - | - | 10,283,377 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | | 10,286,549 | 135,015 | 478,082 | 2,415,856 | 908,938 | 1,264 | 14,225,704 |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | | | | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | 27,026 | - | - | - | - | - | 27,026 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | | 27,026 | - | - | - | - | - | 27,026 |
| Фарқият байни дороиҳо ва ӯҳдадориҳо | | 10,259,523 | 135,015 | 478,082 | 2,415,856 | 908,938 | 1,264 | 14,198,678 |
| Фарқият байни дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи онҳо даромад ҳисоб карда мешаванд | | 3,172 | 135,015 | 478,082 | 2,415,856 | 908,938 | 1,264 | 3,942,327 |

### Хавфи бозорӣ

Хавфи бозорӣ хавфи тағйирёбии меъёри фоизӣ, хавфи асъорӣ ва хавфҳои дигари нархиро, ки Равзана ба онҳо гирифтор шуда метавонад, дар бар мегирад. Соли 2022 дар таркиби ин хавфҳо ва усулҳои баҳогузориву идоракунии хавфҳои мазкур дар Равзана тағйиротҳо ба амал наомаданд, зеро ки Равзана воситаҳоро аз рӯи меъёри шинокунанда ҷалб менамояд.

Дар ҳолати ҷалб намудани воситаҳо ба миқдори шинокунандаи фоизӣ тахминҳо аз ҷониби Равзана бо роҳи дастгирии таносуби зарурӣ байни қарзҳо оид ба миқдорҳои бақайдгирифташуда ва миқдорҳои шинокунанда идора карда мешаванд.

### Хавфи асъорӣ

Хавфи асъорӣ хавфи тағйирёбии арзиши воситаи молиявиро, ки вобаста ба тағйирёбии қурби мубодилаи асъор ба миён меояд, дар бар мегирад. Вазъи молиявӣ ва воридоту содироти пулии Равзана ба таъсири калавиши қурби мубодилавии асъори хориҷӣ гирифтор аст. Роҳбарият хавфи асъориро бо роҳи муайянкунии мавқеи кушодаи асъорӣ идора мекунад, дар ин ҳангом беқурбшавии пешбинишавандаи сомонӣ ва индикаторҳои дигари макроиқтисодӣ ба назар гирифта мешаванд, ин ба Равзана имконият медиҳад, ки ҳаҷми зарари аз тағйирёбии қурбҳои асъори милливу хориҷӣ тавлидшавандаро ба ҳадди ақал расонад.

Маълумот дар бораи сатҳи хавфи асъории Равзана тариқи зайл нишон дода шудааст:

| | Сомонӣ | Доллари ИМА | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 592,311 | 7,044,145 | 7,636,456 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 11,555,894 | - | 11,555,894 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | 12,148,205 | 7,044,145 | 19,192,350 |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 88,965 | - | 88,965 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | 88,965 | - | 88,965 |
| **Мавқеи холис** | **12,059,240** | **7,044,145** | **19,103,385** |

Равзана, мутобиқи танзимгари он – Бонки Миллии Тоҷикистон, мавқеи манфии асъорро бо доллари ИМА надорад, зеро бо талаботи танзимгар захираи дороиҳои молиявии бо асъори хориҷӣ ифодаёфта на бо осъори аслии онҳо, ки дар боло нишон дода шудааст, балки бо сомонӣ ташкил мешавад.

| | Сомонӣ | Доллари ИМА | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 131,966 | 10,151,411 | 10,283,377 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 3,942,327 | - | 3,942,327 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | 4,074,293 | 10,151,411 | 14,225,704 |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 27,026 | - | 27,026 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | 27,026 | - | 27,026 |
| **Мавқеи холис** | **4,047,267** | **10,151,411** | **14,198,678** |

**Гурӯҳбандиҳои баҳисобгирӣ ва арзиши одилона**

Ҷадвали зерин арзишҳои тавозунӣ ва одилонаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявиро ба ҳолати санаи 31 декабри соли 2022 нишон медиҳад.

| | Бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода шаванда | Бо арзиши одилона баҳо дода шаванда | Бо арзиши одилона ба воситаи МДҒ баҳо дода шаванда | Арзиши тавозунии умумӣ | Арзиши одилона |
|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 7,636,456 | - | - | 7,636,456 | 7,636,456 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 11,555,894 | - | - | 11,555,894 | 11,555,894 |
| | 19,192,350 | - | - | 19,192,350 | 19,192,350 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 88,965 | - | - | 88,965 | 88,965 |
| | 88,965 | - | - | 88,965 | 88,965 |

Ҷадвали зерин арзишҳои тавозунӣ ва одилонаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявиро ба ҳолати санаи 31 декабри соли 2021 нишон медиҳад.

| | Бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода шаванда | Бо арзиши одилона баҳо дода шаванда | Бо арзиши одилона ба воситаи МДҒ баҳо дода шаванда | Арзиши тавозунии умумӣ | Арзиши одилона |
|---|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 10,283,377 | - | - | 10,283,377 | 10,283,377 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 3,942,327 | - | - | 3,942,327 | 3,942,327 |
| | 14,225,704 | - | - | 14,225,704 | 14,225,704 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 27,026 | - | - | 27,026 | 27,026 |
| | 27,026 | - | - | 27,026 | 27,026 |

**Дараҷаҳои иерархии арзиши одилонаи воситаҳои молиявӣ**

Арзиши одилона ҳамчун арзиш, ки аз рӯи он инструмент метавонад ҳангоми анҷом додани аҳдҳо байни тарафҳои ба таври зарурӣ огоҳбуда ва хоҳиши чунин анҷом додани аҳдҳоро дошта бошанд, инчунин тарафҳои аз якдигар новобаста, ғайри ҳолатҳои фурӯши маҷбурӣ ё барҳамдиҳӣ ба даст оварда мешавад. Арзёбиҳои пешниҳодшуда метавонанд ҷамъи маблағҳоеро инъикос накунанд, ки Равзана зимни фурӯши воқеии бастаҳои онҳо ё дигар инструментҳои молиявии доштаи ӯ метавонист ба даст оварад.

Арзиши тавозунии воситаҳои пулӣ ба арзиши одилона бинобар кӯтоҳмуддат будани чунин инструментҳои молиявии доштаи ӯ метавонист ба даст оварад.

СБҲМ (IFRS) 13 арзиши одилонаро ҳамчун маблағе, ки ҳангоми фурӯши дороӣ гирифта шудааст ё пардохти дар мавриди супоридани ӯҳдадорӣ, ки дар доираи созиши оддӣ нисбати

бозори асосӣ (нисбатан муфид) ба санаи арзёбӣ дар шароитҳои ҷории бозорӣ ба миён омадааст, муайян месозад. Азбаски барои аксари воситаҳои молиявии Равзана бозорҳо вуҷуд надоранд барои муайян намудани арзиши одилона мулоҳизаеро татбиқ бояд намуд, ки шароити ҷории муҳити иқтисодӣ ва хавфҳои махсусро ба инобат гирад.

Ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 барои баҳодиҳии арзиши одилонаи воситаҳои молиявӣ, ки нисбати онҳо муайянкунии арзиши мазур ҷоиз буд, Равзана усулҳо ва фарзияҳои зеринро истифода намуд.

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо – арзиши ҷории воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо, ки мувофиқи арзиши одилона мебошад.

Ҳисоботҳо барои қабул қарздории дебитории ғайр – арзиши ҷорӣ бо арзиши одилонаи воситаҳои молиявии мазкур аз сабаби хосияти кӯтоҳмуддат доштани восита тахминан мувофиқат мекунад.

Ӯҳдадориҳои дарозмуддат – арзиши ҷорӣ бо арзиши одилонаи воситаҳои молиявии мазкур махминан мувофиқат мекунад, чунки меъёри фоизии ӯҳдадориҳои дарозмуддат бо меъёрҳои бозорӣ тахминан мувофиқат мекунад, истинод ба қарзҳое, ки дар санаи ҳисоботӣ дорои хавфҳои қарзӣ ва мӯҳлати пардохти монанд мебошанд.

Арзиши одилона дар навбати аввал ба воситаи истифодаи қурбҳои бозорӣ ё тамсилаҳои стандартии нархгузорӣ муайян мешавад, ки дар мавриди мавҷуд будан ба маълумотҳои ибтидоии дастрас такя менамояд ва ҳамчун зиёдшавии/камшавии пулии оянда умумӣ муайян мешавад. Равзана арзиши одилонаи воситаҳои молиявиро дар иерархияи седараҷавӣ гурӯҳбандӣ менамояд, ки ба дараҷаи саҳеҳии манбаҳо ва мушоҳидакории маълумотҳои ибтидоӣ асоснок шудаанд, ки онҳо дар навбати худ барои баҳодиҳии арзиши одилонаи молиявии дороӣ ва ӯҳдадорӣ чунин истифода мешаванд:

| | |
|---|---|
| Дараҷаи 1 | Маълумотҳои ибтидоии дараҷаи 1 – ин нархҳои гардишии (ғайритасҳеҳӣ) дар бозорҳои фаъол барои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои комилан мутобиқ мавҷуд буда мебошанд, ки Равзана метавонад дар санаи арзёбӣ ба онҳо рухсат гирад. |
| Дараҷаи 2 | Маълумотҳои ибтидоии дараҷаи 2 – ин маълумотҳои ибтидоие, ки ба нархҳои гардиши дар Дараҷаи 1 дохил карда шуда таалуқ надоранд, ва онҳое, ки бевосита ё бавосита барои дороӣ ё ӯҳдадорӣ мушоҳидашаванда мебошанд. |
| Дараҷаи 3 | Маълумотҳои ибтидоии дараҷаи 3 – ин маълумотҳои ибтидоии мушоҳиданашаванда барои дороӣ ё ӯҳдадорӣ мебошанд. |

Ба маълумотҳои ибтидоии дараҷаи якум дар навбати аввал дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявие, ки дар биржа савдо мешаванд тааллуқ доранд, дар ҳоле ки дар гурӯҳбандии дараҷаи дуюм, аввалан дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявие, ки арзиши одилонаашон вобаста аз қурбҳои асъорӣ ва осон мушоҳидашаванда муайян мешаванд, тааллуқ доранд. Ба гурӯҳбандии дараҷаи сеюм, дар навбати аввал он дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявие тааллуқ доранд, ки арзиши одилонаи онҳо аз тамсилаҳое вобастаанд, ки арзёбиҳо, сифат ва дифференсиалҳои қарзии мувофиқи бозориро истифода мебаранд. Дар шароите, ки Равзана ба воситаи маълумотҳои ибтидоии бозории мушоҳидашаванда арзиши одилонаро (арзиши одилонаи дараҷаи сеюм) тасдиқ карда наметавонад, эҳтимол тамсилаи дигари арзёбӣ метавонад ба арзёбии сатҳи назарраси арзиши одилона оварда расонад.

Мувофиқи сиёсати Равзана амалиётҳое, ки бо савдои воситаҳои молиявӣ вобастаанд дар доираи созиши умумӣ оиди баҳисобгирии мутақобила ё шарномаҳои мӯҳлатии ғайр оиди эҳтимолияти баҳисобгирии мутақобилаи бақияҳо дар назди/аз контрагентҳо дар ҳолати пардохтнопазирӣ ё муфлисшавӣ муайян мешаванд.

Ҷадвалҳои зеромада арзишҳои тавозунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявиро ба ҳолати санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 нишон медиҳанд. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ғайре, ки аз рӯи арзиши одилона дар асоси доимӣ арзёбӣ мегарданд воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо мебошанд. Арзёбии арзиши одилона дар асоси ғайридоимӣ таҳия нагардидааст.

| | **Дараҷаи 1** | **Дараҷаи 2** | **Дараҷаи 3** | **31 декабри соли 2022** |
|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | - | 7,636,456 | - | 7,636,456 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | - | - | 11,555,894 | 11,555,894 |
| | - | 7,636,456 | 11,555,894 | 19,192,350 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | - | - | 88,965 | 88,965 |
| | - | - | 88,965 | 88,965 |

| | **Дараҷаи 1** | **Дараҷаи 2** | **Дараҷаи 3** | **31 декабри соли 2021** |
|---|---|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | - | 10,283,377 | - | 10,283,377 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | - | - | 3,942,327 | 3,942,327 |
| | - | - | - | 14,225,704 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | - | - | 27,026 | 27,026 |
| | - | - | 27,026 | 27,026 |

### Таҳлили ҳассосият ба асъори хориҷӣ

Дар ҷадвали поён таҳлили ҳассосияти Равзана ба афзоишу камшавии 10%-и қурби доллари ИМА нисбати сомонӣ дар солҳои 2022 ва 2021 оварда шудааст. Роҳбарияти Равзана ақида дорад, ки дар шароити мавҷудаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоишу камшавии 10%-и тағйири воқеии қурби мубодилавии сомонии тоҷикиро нисбати доллари ИМА нишон медиҳад. 10% ин сатҳи ҳассосиятест, ки дар дохили Равзана барои таҳиякунии ҳисобот оид ба хавфи асъорӣ барои ҳайати асосии роҳбарияти Равзана истифода карда шуда, барои роҳбарияти Равзанаро нисбати тағйирёбии имконпазири қурбҳои асъорӣ нишон медиҳад. Ба таҳлили ҳассосият фақат маблағҳо дар асъори хориҷӣ, ки ба интиҷои давра мавҷуданд, ворид карда мешаванд, дар рафти мубодилаи ин маблағ дар охири давра қурбҳое истифода мешаванд, ки дар қиёс бо қурби ҷорӣ дар ҳаҷми 10% тағйир ёфтаанд.

Дар поён таъсирот ба фоидаи соф дар асоси арзиши номиналии дорой ба санаи 31 декабри солҳои 2022 ва 2021 нишон дода шудааст.

| | **2022** | | **2021** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Қурби расмӣ, + 10%** | **Қурби расмӣ, - 10%** | **Қурби расмӣ, + 10%** | **Қурби расмӣ, - 10%** |
| Таъсирот ба фоидаву зарар | 717,168 | (717,168) | 1,015,141 | (1,015,141) |

**Маҳдудиятҳои таҳлили ҳассосият**

Дар ҷадвали боло таъсири тағйиротҳо нишон дода шудааст, дар асоси гумоне, ки дар фарзияҳо бетағйир мемонанд. Дар асл байни фарзияҳо ва дигар омилҳо алоқа вуҷуд дорад. Инчунин бояд қайд намуд, ки ҳассосият хусусияти ғайриростхатта дорад, аз ин рӯ набояд интерполятсия ва экстраполятсияи натиҷаҳои бадастовардашуда ба амал оварда шаванд.

Таҳлили ҳассосият ба ҳисоб намегирад, ки дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро фаъолона идора мекунад. Илова бар ин, вазъи молиявии Равзана вобаста ба тағйиротҳое, ки дар бозор ба амал меоянд, иваз шуда метавонад. Масалан, стратегияи Равзана дар соҳаи идоракунии хавфҳои молиявӣ ба идоракунии хавфи тағйирёбии бозор нигаронида шудааст. Дар сурати тағйирёбии шадиди манфии нархҳо дар бозори қоғазҳои қимматнок роҳбарият метавонад аз усулҳое ба мисли фурӯши сармояҳо, тағйирёбии таркиби ҷузвдони сармояӣ, инчунин усулҳои дигари муҳофизатӣ истифода барад.

Мувофиқан, тағйирёбии фарзияҳо метавонад ба ӯҳдадориҳо таъсир нарасонад, вале ба дороиҳое, ки дар тавозун аз рӯи нархи бозорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин ҳолат усулҳои гуногуни баҳогузории дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ба тағйирёбии назарраси ҳаҷми воситаҳои худӣ оварда метавонад.

Маҳдудиятҳои дигар дар таҳлили дар боло овардашудаи ҳассосият дар бозор истифодаи гардиши фарзиявиро дар бар мегирад. Мақсади онҳо шарҳи хавфи эҳтимолиест, ки аз пешгӯии Равзана бобати тағйиротҳо дар бозор иборат буда, боэътимодона пешбинӣ намудани онҳо ғайриимкон аст.

## 19. ҲИСОБОТИ СЕГМЕНТӢ

Фаъолияти Равзана танҳо аз маблағгузории исломӣ иборат буда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамаркуз ёфтааст.

## 20. ҲОДИСАҲО ПАС АЗ ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ

Ба ҳолати санаи интишори ҳисоботи мазкури молиявии Равзана ҳодисаҳо ва ё додугирифти муҳим рӯй надодааст, ки дар ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ (IAS) 10 "Ҳодисаҳо пас аз давраи ҳисоботӣ" ошкор кардани он зарур бошад.